Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 144 (4564) | ҶУМЪА, 18 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# НАХУСТИН ҚАДАМИ БАРҚАРОРСОЗИИ СУЛҲ ДАР ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ ГУЗОШТА ШУД

## Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**шаҳри Хуҷанд, 16-уми ноябри соли 2022**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз аз оғози баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз санаҳои дар ҳаёти халқи тоҷик ва давлати тоҷикон, воқеан, таърихӣ мебошад, сӣ сол сипарӣ гардид.

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори ин рӯйдоди бузург, ки нуқтаи оғози барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва ноил гардидан ба дастовардҳои имрӯзаи мо мебошад, сидқан ва самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки ҳарчанд Истиқлолияти Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 эълон гардид, ҳодисаҳои баъди он баамаломада нагузоштанд, ки мардуми мо ба бунёди давлати соҳибихтиёри худ оғоз намоянд. Кишвари соҳибистиқлоли мо бар асари бесарусомонӣ ва кашмакашиҳои дохилӣ беш аз як сол рамзҳои давлатдории худ, аз ҷумла Парчами давлатӣ, надошт. Яъне, мо на Конститутсия, на Суруди миллӣ ва на Парчаму Нишони давлати соҳибистиқлоламонро доштем.

Бинобар ин, ман ҳамеша таъкид менамоям, ки раванди давлатсозии мо маҳз аз ҳамин иҷлосия оғоз гардид ва аз ин лиҳоз, 30 - солагии ин рӯйдоди тақдирсоз барои мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашни дар ҳақиқат бузург ва таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар оғози давраи ба истиқлол расидани Тоҷикистон, ки дар натиҷаи фурӯпошии давлати абарқудрати вақт сурат гирифт, кишвари мо гирифтори буҳрони шадиди сиёсиву гуманитарӣ ва ҳодисаҳои фоҷиабор гардид. Ноумедиву парешонӣ ҷомеаи моро ба дараҷае фаро гирифта буд, ки бисёриҳо ба зинда мондан ва раҳоӣ ёфтан аз ин вартаи ҳалокатбор бовар надоштанд.

Маҳз бо дарназардошти вазъияти зикршуда, ман борҳо таъкид кардаам, ки рӯйдоди сӣ сол пеш дар ҳамин толор бавуҷудомада қадами нахустин ба хотири аз пароканадагӣ наҷот додани миллати тоҷик ва аз хатари азбайнравӣ ҳифз кардани давлати тозаистиқлоли тоҷикон буд. Зеро пас аз расидан ба истиқлолу озодӣ миллати тоҷик, ба ҷои он ки баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба эъмори як давлати муосири миллии худ оғоз намояд, ба гирдоби мухолифатҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд.

Давраи аввали соҳибистиқлолӣ ба замоне рост омад, ки қувваҳои исломгарои радикалӣ ҷунбишҳои навзуҳури демократиро таҳти нуфузи худ қарор дода буданд. Ин қувваҳо манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҳизбии худро аз манфиатҳои миллӣ боло гузошта, дар асл ба василаи амалигардонии ҳадафи ниҳонии ҳизби террористиву экстремистии наҳзати ислом, яъне бо дастгириву маблағгузории хоҷагони хориҷӣ дар Тоҷикистон барпо кардани давлати исломӣ табдил ёфта буданд.

Дар робита ба ин, як нуктаи муҳими дигарро низ хотиррасон бояд кард, ки роҳбарони аввали кишвар, мақомоти он ва сарварону кормандони сохторҳои ҳизби ҳокими вақт натавонистанд вазъи баамаломадаро дуруст дарк карда, сари вақт тадбирҳои пешгирикунанда андешанд ва аз неруҳои солими ҷомеа истифода баранд. Гузашта аз ин, баъзе аз онҳо мавқеи бетарафу тамошобинро гирифтанд ё ба табаддулотгарон пайвастанд.

Дар чунин шароит эътимоди мардум ба Ҳукумат амалан аз байн рафта, кишвар дар вазъи ниҳоят вазнин бе роҳбару роҳнамо монда буд. Шикаст хӯрдани мухолифини исломгаро дар интихоботи президентии соли 1991 ва аз ҷониби онҳо эътироф нагардидани натиҷаҳои интихобот вазъиятро боз ҳам тезутунд гардонид.

Ин ҳолат боис гардид, ки мухолифин бо дастгирии молиявӣ ва роҳнамоии хоҷагони хориҷии худ ба майдоннишиниҳои ғайриқонунии бардавом оғоз намоянд. Чунин амали онҳо бо саркардагии ҳизби террористиву экстремистии наҳзати ислом ба эътирози аксари аҳолии мамлакат рӯ ба рӯ гардид. Дар натиҷа дар шаҳри Душанбе мардуми мухолифи якдигар дар ду майдон ҷамъ омаданд.

Аз ҷониби Президенти кишвар зери таҳдиду фишори мухолифин таъсис додани Ҳукумати муросои миллӣ, ки он аз ҷониби аксари минтақаҳои кишвар эътироф нагардид, вазъиятро ба эътидол оварда натавонист. Зеро роҳбарони гурӯҳҳои террористии зикршуда ва пайравони онҳо амалҳои тундравонаи худро бо мақсади ғасби пурраи ҳокимият рӯз ба рӯз вусъат медоданд.

Дар натиҷа доираи ҷанги шаҳрвандӣ торафт васеъ гардида, ноҳияҳои марказӣ ва ҷануби мамлакатро фаро гирифт ва собиқ вилояти Кӯлоб ба муҳосираи иқтисодӣ афтод. Дар натиҷаи муҳосираи иқтисодӣ даҳҳо ҳазор шаҳрвандони мо гирифтори бемориҳои гуногуни вазнин, аз ҷумла гелиотроп, гардида, ҳазорҳо нафари онҳо ба ҳалокат расиданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМА ОИД БА СОХТМОНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ҚУБОДИЁН



**Ҳаждаҳуми ноябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Сайфиддин Сироҷзода, вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ, муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Сафарзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳафт масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. «Дар хусуси Созишнома оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба парвандаҳои марбут ба будубоши муваққатии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ»**

**2. «Дар хусуси Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ»**

**3. «Дар хусуси Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6-уми октябри соли 2007»**

**4. «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон»**

**5. «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ»**

**6. «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият».**

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**15 - уми ноябри соли 2022 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази вилояти Суғд - шаҳри Хуҷанд бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 - ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти нав аз чор ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он барои таълиму тарбияи хонандагон шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Муассиса барои 1300 нафар хонанда пешбинӣ шудааст.

Дар иншооти нав барои омӯзиши касбу ҳунар синфхонаҳои алоҳидаи духтарона ва писарона ташкил гардида, як кабинети алоҳида барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Омӯзиш дар ин синфхонаҳо бо назардошти талаботи замони муосир ва усулҳои эътирофгардида гузаронида мешавад. Ба хотири сифатан беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои дақиқ дар бинои нави муассиса се лабораторияи муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои зарурии таҷрибаомӯзӣ барои гузаронидани таҷрибаҳои химия, физика ва биология бунёд ёфтааст. Таълимгоҳ, ҳамчунин, дорои ду синфхонаи алоҳидаи технологияи иттилоотӣ буда, он ба хатти баландсуръати интернет пайваст мебошад.

Иброз гардид, ки барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва ҷалби онҳо ба китобхонӣ дар муассисаи таълимӣ китобхона бо толори хониш ва китобхонаи электронӣ ташкил гардида, хонандагон ба махзани бои китобҳо дастрасӣ доранд.

Дар иншооти нав маҷлисгоҳ барои гузаронидани вохӯриву чорабиниҳо бо 160 ҷои нишаст, толори варзишӣ, ошхона, машқгоҳи тирандозӣ ва ҳуҷраи тиббӣ бунёд ёфтааст.




Зимни боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба хонандагон тавсия доданд, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи илму дониш ва техникаву технологияи муосир ҳамеша талош намоянд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд, ҳамчунин, бинои иловагии Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Суғдро ба истифода доданд.**

Он дар асоси лоиҳаи муосири шаҳрсозӣ сохта шуда, аз чор ошёна ва таҳхона иборат мебошад. Дар таҳхона бойгонӣ ва фаъолияти комиссияи тестӣ барои муайян кардани лаёқатмандии ҳайати шахсӣ ба роҳ монда шудааст.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба шароити кор дар иншоот кормандони Раёсати Вазорати корҳои дохилиро ба иҷрои намунавии уҳдадориҳои хизматӣ, таъмини волоияти қонуну тартиботи ҷамъиятӣ ва содиқона бар нафъи давлату миллат хизмат кардан вазифадор карданд.

Бинои нав аз 36 ҳуҷраи корӣ, ошхона барои 100 ҷой, меҳмонхона ва толори варзишӣ иборат буда, шароити фароҳамшуда ҳавасмандии ҳайати шахсиро барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ дучанд гардонидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазъи мураккаби геополитикии ҷаҳон ёдовар шуда, зиракии баланди кормандони мақомоти корҳои дохилиро ҷиҳати таъмини оромии комил ва сулҳу субот тақозо карданд.

Дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтани бинои иловагии Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Суғд туҳфаи арзишманди Ҳукумати мамлакат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# НАХУСТИН ҚАДАМИ БАРҚАРОРСОЗИИ СУЛҲ ДАР ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ ГУЗОШТА ШУД

## Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

шаҳри Хуҷанд, 16-уми ноябри соли 2022



**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳамин тавр, тобистону тирамоҳи соли 1992 оташи ҷанги шаҳрвандӣ рӯз ба рӯз аланга гирифта, фаъолияти мақомоти давлатӣ, махсусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пурра фалаҷ ва дар мамлакат беҳокимиятиву беқонунӣ ҳукмфармо гардид.

Чунин вазъият талаб мекард, ки барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, барқарор кардани сохти конститутсионӣ, таъмин намудани волоияти қонун дар ҷомеа ва сулҳу оромӣ дар мамлакат иҷлосияи Шӯрои Олӣ даъват карда шавад, зеро хатари аз байн рафтани давлати тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатноки рӯз табдил ёфта буд.

Аммо дар он рӯзҳо даъват ва таъмин намудани амнияти намояндагони мардумӣ ва фаъолияти озодонаву бефишори онҳо дар пойтахти мамлакат ғайриимкон буд, чунки ҳодисаҳои гаравгон гирифтани вакилон ва аъзои Ҳукумат, таҳқиру зӯроварӣ нисбат ба онҳо, инчунин, ҳолатҳои дахолат ба кори иҷлосия зуд - зуд ба вуқӯъ меомаданд.

Бинобар ин, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ даъват гардид, ки ин иқдом дар он рӯзҳо нишонаи ҷасорати бузурги вакилони халқ ба ҳисоб мерафт.

Иҷлосия бо рӯзномаи иборат аз 23 масъала ба кори худ идома бахшид. Интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати нави Раёсати Шӯрои Олӣ, Ҳукумати нав, тасдиқи рамзҳои давлатӣ, баргардонидани гурезаҳо ва ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ дар мамлакат аз ҷумлаи масъалаҳои пешниҳодшуда буданд, ки барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ, ба ҷойҳои зисташон баргардонидани гурезаҳо ва ба даст овардани сулҳу оромӣ хеле муҳим ба шумор мерафтанд.

Вобаста ба ин, ёдовар бояд шуд, ки ҳангоми ба вазифа пешбарӣ кардани номзадҳо бисёре аз онҳо аз ишғоли мансабҳои пешниҳодшуда даст кашиданд ва нахостанд ба пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе, ки аз лиҳози амниятӣ бисёр ноором буд, баргарданд.

Баъди интихоб шудан ба вазифаи Сарвари давлат ман бо қатъият изҳор намудам, ки ҷонибдори бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳастам. Инчунин, барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҳар як хонадон, ба Ватан баргардонидани тамоми гурезаҳо ва қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро вазифаи аввалиндараҷаи худ эълон кардам. Вакилони иҷлосия низ ин ташаббусҳои Сарвари давлатро якдилона ҷонибдорӣ намуданд.

Дар робита ба ин, мехоҳам махсус хотиррасон намоям, ки вакилони халқ, бо дарназардошти вазъи ҳассоси кишвар ва ормону хостаҳои мардум, инчунин, ба хотири ҳифзи якпорчагии Ватан ва сарҷамъии миллат, дар раванди иҷлосия ба таври бесобиқа фаъол ва муттаҳид буданд.

Бо дарки амиқи масъулияти ба зиммаи ман гузошташуда дар назди халқи Тоҷикистон савганд ёд кардам, ки «Агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме ки як гурезаи тоҷик дар хориҷа умр ба сар мебарад, ман худро ором ҳис карда наметавонам».

Ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ ва расидан ба сулҳ яке аз масъалаҳои асосии иҷлосия буд.

Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон намудани 26-уми ноябри соли 1992» қабул шуд ва раванди барқарорсозии сулҳ дар мамлакат оғоз гардид. Яъне, қадами нахустин дар роҳи барқарорсозии сулҳ дар ҳамин иҷлосия гузошта шуд ва тавре ки ҳамватанони мо хуб дар хотир доранд, баъди музокироти бисёр мушкили беш аз чилмоҳа 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид.

Дигар санади муҳим - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» имкон фароҳам овард, ки шахсони хонаву маҳалли зист ва ҷои кори худро тарккарда ба ҷойҳои зисти доимии худ баргарданд ва кори пештараашонро идома диҳанд.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарине, ки Ҳукумати навинтихобшуда ба он ноил гардид, дар муддати начандон тӯлонӣ аз Давлати Исломии Афғонистон ва дигар кишварҳо ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳои иҷборӣ, яъне ҳамватанонамон буд, ки аз тарси ҷон хонаву маҳали зисти худро тарк карда буданд.

Баъдан, бо кумаку дастгирӣ ва саъю талоши мардуми шарифи кишвар мо ба раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ оғоз кардем ва дар як муддати кӯтоҳ садҳо ҳазор манзили истиқомативу муассисаҳои иҷтимоии сӯхтаву харобшуда, пулҳо ва дигар иншооти инфрасохтории валангоргардидаро таъмиру барқарор намудем.

Қабули Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи давлати мустақили Тоҷикистон нишонаи соҳибихтиёрӣ, ягонагӣ ва ифтихори мардуми кишвар дигар иқдоми муҳими иҷлосияи таърихӣ буд. Зеро тавре ки болотар гуфта шуд, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон беш аз як сол рамзҳои инъикоскунандаи соҳибихтиёрии худро надошт.

Бинобар ин, рӯзи қабули Парчами давлатӣ, яъне 24-уми ноябрро мо ҷашни умумимиллӣ эълон кардем, ки ҳар сол аз ҷониби мардуми Тоҷикистон бо ифтихори бузург таҷлил мегардад. Зимнан, ёдовар мешавам, ки баъди чанд рӯз ин рӯйдоди муҳими миллии мо низ сисола мешавад.

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар зарфи чанд рӯзи баргузории он, ки барои мардуми мо воқеан рӯзҳои сарнавиштсоз буданд, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ва баҳсу мухолифатҳои шадид қарорҳое қабул кард, ки ҷавобгӯи талабу хостаҳои мардум ва баёнгари иродаи матини фарзандони ватандӯсти халқи Тоҷикистон буданд.

Ба шарофати санадҳои қабулшуда ва амалӣ гардидани онҳо фоҷиаи умумимиллӣ, ки қариб буд орзуи ҳазорсолаи мардуми моро барои истиқлолу озодӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ аз байн бурда, боиси аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва парокандашавии миллати тоҷик гардад, пешгирӣ карда шуд.

Имрӯз бо итминон изҳор менамоям, ки мо – вакилони мардумӣ он рӯзҳо масъулияти таърихӣ, қарзи фарзандӣ, вазифаи ҷавонмардӣ ва рисолати имонии худро нисбат ба сарнавишти кишвари тозаистиқлоламон, халқи Тоҷикистон ва наслҳои имрӯзавуояндаи мардумамон иҷро кардем.

Бо гузашти сӣ сол аз қабули ин ҳуҷҷатҳо бо қаноатмандиву ифтихор метавонем гӯем, ки ин ягона роҳи оқилона ва дурусте буд, ки мо – вакилони халқ онро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, тамомияти арзӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдату ягонагӣ ва пешрафту тараққиётиояндаи Ватанамон интихоб намудем.

Баъди ба анҷом расидани иҷлосия вазифаи муҳимтарину аввалиндараҷаи Сарвари давлат, Шӯрои Олӣ, Шӯрои вазирон ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ амалӣ намудани қонуну қарорҳои қабулкардаи он буд.

Бо кӯшишҳои пайваста ва бо дастгирии халқи шарафмандамон ба мо муяссар гардид, ки вазифаҳои асоситарину мураккаби дар наздамон қарордоштаро давра ба давра ҳаллу фасл намоем.

Баъди баргузории иҷлосия – 12-уми декабри соли 1992 – ман ҳамчун кафили соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии давлати Тоҷикистон ба халқи азизам муроҷиат намудам, ки ҳадафи он ҳамчун барномаи стратегӣ ба эътидол овардани вазъи мураккаби сиёсии кишвар ва муҳайё кардани шароит барои рушди бонизоми соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат буд.

Дар муроҷиатнома масъалаҳои муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ инъикос ёфтанд, аз ҷумла ҳар чӣ зудтар дар мамлакат барқарор намудани шохаҳои ҳокимият ва мақомоти идоракунии фалаҷгардида, баргардонидани гурезаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти муътадили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тамоми қаламрави кишвар, таъсиси Артиши миллӣ, пурзӯр гардонидани ҳимояи сарҳади давлатӣ, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва дигар масъалаҳои муҳиме, ки дар мустаҳкам намудани соҳибистиқлолии давлатамон нақши муассир бозиданд.

Ҷиҳати амалӣ намудани қарорҳои иҷлосияи таърихӣ ва муроҷиатномаи Сарвари давлат ба мардуми кишвар зарурати ҳар чӣ зудтар қабул намудани Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба миён омад. Чунки давлати мустақили мо беш аз ду сол дар доираи Конститутсияи соли 1978, ки меъёрҳои он ба давраи соҳибистиқлолӣ мувофиқу созгор набуданд, фаъолият кард.

Шадидан зарур буд, ки мо истиқлолу озодии давлати худро дар сатҳи Конститутсия – қонуни асосии мамлакат ба расмият дарорем, мақсаду мароми эълонкардаамон ва роҳи асосии пешгирифтаамон, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, асосҳои сиёсати хориҷӣ ва сохтори давлатдориро дар он дарҷ намоем.

Бинобар ин, баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби олимону мутахассисони варзида гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. Гурӯҳи корӣ конститутсияи дигар давлатҳои пешрафтаро омӯхта, бо дарназардошти хусусиятҳои кишвар лоиҳаи қонуни асосиро омода кард ва он ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Халқи Тоҷикистон лоиҳаро муҳокима карда, ба он зиёда аз ҳаштуним ҳазор пешниҳод ирсол намуд.

Дар натиҷа, Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсӣ ва бо ҷонибдории аксари мардуми Тоҷикистон қабул гардид. Дар асоси Конститутсия дар мамлакат ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ гузаронида шуда, таҳкурсии мустаҳками низоми сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ гузошта шуд.

Тибқи ин асосҳо дар кишвар низоми муосири ҳуқуқӣ, парламенти думаҷлиса, сохтори мукаммали судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ созмон дода шуданд ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ таъмин гардид, ки ин ҳама ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, волоияти қонун, ободкориву созандагӣ ва пешрафту тараққиёти мамлакат мусоидат намуд.

Дар Конститутсияи нав бори нахуст арзишҳои давлати демократӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ инъикос гардиданд.

Қабули Конститутсия имконият фароҳам овард, ки барои рушди давлати тоҷикон заминаи мукаммалу устувори ҳуқуқӣ гузошта, фаъолияти мураттаби низоми мақомоти давлатӣ таъмин карда шавад.

Қобили зикри махсус аст, ки қабули Конститутсия дастоварди бузурги мо дар роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Чунонки дар ёд доред, бо сабабу омилҳои дар боло зикршуда қариб даҳ соли аввали таърихи давраи соҳибистиқлолӣ сарфи кашмакашу низоъҳо ва мухолифатҳои мусаллаҳона гардид ва мо ба масъалаҳои таъмин намудани рушди муназзами иқтисоди миллӣ ва корҳои ободониву созандагӣ амалан аз оғози солҳои 2000-ум машғул шудем.

Дар натиҷа, тайи бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум ба 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва қисми даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Яъне, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.

Соли 2022 Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 114 миллиард сомонӣ расида, даромади буҷети давлатӣ ба 33 миллиард сомонӣ баробар мешавад.

Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи гуногуни истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар зиёд гардид.

Соли 1990 дар кишвар ҳамагӣ 313 ҳазор тонна ангишт ва 500 ҳазор тонна семент истеҳсол шуда буд. Соли 2021 истеҳсоли ангишт ба 2 миллиону 300 ҳазор ва семент ба 4 миллиону 500 ҳазор тонна расонида шуд.

Мо солҳои 2022 – 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем, зеро саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, садҳо ҳазор ҷои нави корӣ ташкил карда шаванд.

Дар зарфи беш аз се даҳсолаи охир дар кишвар бо заҳмати софдилонаи мутахассисону коргарони ватанӣ зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои иловагии энергетикӣ бунёд гардида, системаи ягонаи энергетикии мамлакат таъсис дода шуд.

Дар ин давра, ба мо муяссар гардид, ки беш аз 2400 километр роҳҳои замонавӣ бунёд карда, Тоҷикистони сепорчаро ба як қаламрави воҳид ва кишвари транзитӣ табдил диҳем.

Ҳамчунин, дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқаврии мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, ҳуқуқи истифодаи замин ба деҳқон дода шуд, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, хотиррасон менамоям. ки дар оғози замони соҳибистиқлолӣ ба мардуми мо бо сабабҳои маълум хатари гуруснагӣ таҳдид мекард. Бинобар ин, бо ду фармони Президенти мамлакат ба мардум 75 ҳазор гектар замин тақсим карда дода шуд, ки дар он рӯзҳои вазнин ба пешгирӣ кардани хатари гуруснагӣ ва нисбатан беҳтар гардидани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, пеш аз ҳама, нон мусоидат намуд.

Илова бар ин, ба зиёда аз 1 миллиону 400 ҳазор оила 138 ҳазор гектар замин ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзили истиқоматӣ тақсим карда дода шуд.

Мувофиқи омори расмӣ, дар кишвари мо як оила аз 6,2 нафар иборат аст. Яъне, аз рӯи ин ҳисоб қариб 9 миллион нафар ё як Тоҷикистони дигар бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин шудааст. Ҳол он ки дар 70 соли сохти гузашта бо ин мақсад ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин ҷудо гардида буд.

Барои истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар зиёда аз 25 ҳазор иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода дода шуд, ки дар онҳо даҳҳо ҳазор ҷои нави корӣ муҳайё гардида, бисёр мушкилоту масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бартараф карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти аҳамияти бузурги соҳаҳои маориф ва тандурустӣ қисми зиёди иншооти бунёдгардида барои беҳтар гардонидани шароити соҳаҳои зикршуда равона гардидаанд.

Аз шумораи умумии иншооти ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёдгардида беш аз 3 ҳазор иншоот ба соҳаи тандурустӣ ва зиёда аз 4000 иншоот ба соҳаи маориф рост меояд.

Зимнан, бояд гуфт, ки дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст.

Имрӯзҳо барои истиқболи арзандаи 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ раванди ободонии Ватан бомаром идома дорад ва то рӯзи ин ҷашни бузург боз даҳҳо ҳазор иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву хизматрасонӣ ба истифода дода, садҳо ҳазор ҷои нави корӣ таъсис дода мешавад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла соҳибкорони бонангу номус, вакилони мардумӣ ва хизматчиёни давлатӣ тамоми саъю талоши ватандӯстонаи худро минбаъд низ ба хотири амалӣ намудани нақшаву барномаҳои қабулшуда, ободониву созандагии Ватани маҳбубамон ва истиқболи арзандаи ин ҷашни муборaку муқаддаси миллӣ сафарбар менамоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Сиёсати сулҳ ва «дарҳои кушода», ки ҷавҳари сиёсати хориҷии мо мебошад, маҳз дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ эълон гардид ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пуштибонӣ ёфт.

Дар иҷлосия мо эълон намудем, ки Тоҷикистон ҷонибдори ба роҳ мондани муносибатҳои судманд бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон дар асоси принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ буда, таъмин намудани ҳаёти орому осоишта ва арзандаи ҳар шахсро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Имрӯз Тоҷикистон бо 180 давлати хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ дошта, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид ва тамоми ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, мебошад.

Дар шароити ниҳоят пурпечутобу мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, махсусан, масъалаҳои об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд гузошта истодааст. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон доир ба ҳалли мушкилоти об дар сайёра, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» пазируфта шудааст, кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳайси пешво муаррифӣ менамоянд.

Ҳамзамон бо ин, масъалаи тағйирёбии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи хоси кишвари мо қарор гирифтааст.

Тайи чанд даҳсолаи охир, дар ҳоле ки Тоҷикистон кишвари саноатӣ нест, бар асари тағйирёбии иқлим тақрибан сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳои ҳудуди он, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккулёбии захираҳои оби Осиёи Марказӣ мебошанд, аз байн рафтааст.

Ҳоло дар ин замина, Тоҷикистон якҷо бо шарикони байналмилалии худ бо мақсади эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии пиряхҳо» ва таъсиси «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» саъю талош карда истодааст.

**Ҳамватанони азиз!**

Ба шарофати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро қатъ намудем, давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо бахшидем, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро барқарор кардем, асосҳои сохти давлатдории муосир – давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро гузоштем ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намудем.

Дар шароити бисёр мураккаби ҷаҳон ва минтақа, шиддат ёфтани бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо, яроқнокшавии бошитоб, оғози давраи нави «ҷанги сард» ва бар асари ин омилҳо осебпазир гардидани истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии давлатҳои миллӣ масъалаҳои таҳким бахшидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои он арзиш ва аҳамияти рӯзафзун пайдо карда истодаанд.

Дар зарфи 30 соли гузашта мардуми шарифи Тоҷикистон, вакилони халқ, аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарону кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, умуман хизматчиёни давлатӣ ва албатта, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, барои ҳимояи истиқлолу озодӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, рушди давлат ва ободии Ватан содиқона хизмат карданд, ки ба ҳамаи онҳо сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

Дар баробари ин, бори дигар изҳор медорам, ки қаҳрамони сулҳ, созандагӣ, ободӣ ва пешрафти Ватан танҳо халқи бузургу сарбаланди Тоҷикистон мебошад.

Агар тайи сӣ сол хурду бузурги мардуми Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи моро дастгирӣ намекарданд, мо ба сулҳу оромӣ ва пешрафту тараққиёт, яъне ба ин рӯзҳои нек намерасидем. Ман дар назди ин халқи қаҳрамону матинирода сидқан сари таъзим фуруд меорам.

Дар ин рӯзи таърихӣ дар баробари зикри комёбиҳо, мо аз онҳое, ки барои расидан ба ин санаи муборак ҷоннисорӣ кардаанд, дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу оромӣ дар кишвар ва таҳкиму тақвияти пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии мо саҳми арзишманд гузоштаанд, ба некӣ ёд мекунем ва хотираи қурбониёни истиқлолу озодиро гиромӣ медорем.

Вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақа моро водор месозад, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз масъалаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ, таъмини амнияти давлату миллат, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ғофил набошем.

Дар робита ба ин, ҳар як фарди бонангу номуси миллатро бори дигар даъват менамоям, ки бо дарки амиқи масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии худ дар назди халқу Ватан минбаъд дар рушду тараққиёти бомароми давлати соҳибистиқлоламон ва раванди созандагии сарзамини муқаддасу биҳиштосоямон боз ҳам бештар ҳиссагузор бошад.

Мо то имрӯз бисёр мушкилоти ҷомеа ва давлатамон, аз ҷумла бемории сироятии COVID - 19-ро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо кумаку дастгирии ҳамдигар аз сар гузаронидем.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки мо ба ҳалли дигар мушкилоту масъалаҳои ҳаётамон ҳатман ноил мегардем, зеро миллати муттаҳиду сарҷамъ ба рафъи ҳама гуна мушкилот қодир аст.

Такроран таъкид менамоям, ки мо бояд ба таълиму тарбияи фарзандонамон, яъне соҳибониояндаи давлат ва миллат эътибори аввалиндараҷа диҳем, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, заҳматдӯстӣ, эҳтироми падару модар, калонсолон ва одобу ахлоқи ҳамидаи миллӣ тарбия кунем.

Мо барои таъмин намудани ободии ояндаи Ватанамон бояд истеъдодҳои ҷавонро дастгирӣ намоем ва аз байни онҳо олимону донишмандон, муҳандисону меъморон, табибону омӯзгорон, ихтироъкорону навоварон, лоиҳакашону бинокорон ва дигар кадрҳоеро тарбия кунем, ки фардои дурахшону осудаи давлату миллатро таъмин карда тавонанд.

Мо бо ҷавонони ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва бовар дорем, ки онҳо ҳамчун наслиояндасоз роҳи пешгирифтаи моро ба таври сазовор идома медиҳанд, давлату миллати худро соҳибӣ мекунанд ва обрӯи тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоранд.

Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта дошта бошем ва фарзандону набераҳоямон дар Ватани боз ҳам ободу тараққикарда зиндагӣ кунанд, имрӯз бояд ба рушди илму маориф ва неруи зеҳнӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем, ҳамаи саъю талош ва захираву имкониятҳоямонро ба ин самти муҳимтаринуояндасоз сафарбар намоем.

Дар ин раванд, бояд доимо дар хотир дошта бошем, ки бо хурофоту ифротгароӣ давлати мутамаддину пешрафта бунёд карда намешавад, зеро хурофоту ифротгароӣ ба инсоният фақат тафриқаандозиву бадбахтӣ меоварад.

Бунёди қасри зебои Арбоб, ки мо ҳоло дар он қарор дорем, маҳсули заҳмати созандаи ҳунармандони халқамон мебошад, ки беш аз 70 сол инҷониб хизмат карда истодааст. Яъне, самараи илму дониш ва касбу ҳунар фақат ободиву пешрафт ва натиҷаи ҷаҳолату бесаводӣ танҳо харобиву ақибмондагист.

Дар дунё кишварҳое ҳастанд, ки бо аҳолии кам ва ҳудуди хеле маҳдуд, вале бо истифодаи илму дониш ва техникаву технологияҳои пешрафта ба сатҳи аз лиҳози иқтисодӣ бисёр баланди тараққиёт расидаанд. Масалан, Белгия, Сингапур, Япония, Люксембург ва якчанд кишвари дигар.

Дар даврае, ки бемории сироятии COVID - 19 пайдо шуд, илоҷи он, яъне роҳи табобату пешгирии онро танҳо кишварҳои аз лиҳози неруи зеҳнӣ ва илмиву технологӣ тараққикарда ёфтанд ва бо ваксинаи ихтироъкардаи онҳо ҷони миллионҳо нафар одамон аз дасти аҷал раҳо ёфт.

Фоҷиае, ки солҳои навадуми асри гузашта ба сари миллати тоҷик омад, бояд ба ҳамаи мо ва наслҳои ояндаи миллатамон сабақи ҳушёриву зиракии сиёсӣ бошад. Аз ин лиҳоз, мо набояд ба паҳншавии ақидаҳои хурофотпарастона ва расму оинҳои милливу мазҳабии бегонаву ифротӣ роҳ диҳем.

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки миллати дорои таърихи беш аз шашҳазорсолаи тамаддунсозу фарҳангӣ ва шаҳрсозу шаҳрдору шаҳрнишин набояд аз масири рушду тараққиёт қафо монад ва ба хурофоту ҷаҳолати асримиёнагӣ роҳ диҳад.

Баръакс, чунин миллати бостонӣ бо мероси бузурги илмиву маънавӣ ва суннату анъанаҳои қадимӣ, ки фарзандони фарзонаи он ба тамаддуни башарӣ хизматҳои бузургу барҷаста кардаанд, бояд талош намояд, ки дар сафи пеши корвони рушду тараққиёт қарор дошта бошад.

Дар ин рӯзи муборак орзу дорам, ки дар Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу осоиш ва ваҳдату ягонагӣ пойдору ҷовидон бошад, ҳар як фарди ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси миллати озоду соҳибихтиёри мо бо заҳмати содиқонаву софдилона аркони давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, барои ояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар намояд.

Дар амалӣ гардидани ин ниятҳои нек ва нақшаҳои созанда ба ҳар як фарди Ватан барори кор орзу намуда, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва шумо – ҳозирини гиромиро бори дигар ба ифтихори сиюмин солгарди рӯйдоди бузургу тақдирсоз – Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сидқан табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони кишвари азизамон ободиву осоиш, рӯзгори бофайзу баракат ва ба кишвари маҳбубамон суботу оромӣ ва пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Бигзор, миллати сарбаланди тоҷик то абад сарҷамъу муттаҳид, давлати соҳибихтиёри тоҷикон ҳамеша поянда ва Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон сарсабзу хуррам ва ободу пешрафта бошад!

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД



(Идома аз саҳ. 1)

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд корхонаи коркарди санги Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Корпоратсияи Камоли Хуҷандӣ»-ро низ мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дар доираи «Солҳои рушди саноат» солҳои 2022-2026 аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Корпоратсияи Камоли Хуҷандӣ» таъсис ёфтааст.

Корхонаи коркарди санг дар давоми як сол дар заминаи бинои куҳна дар масоҳати зиёда аз як гектар бунёд гардида, он бо технологияи пешрафта муҷаҳҳаз мебошад.

Ба Президенти мамлакат иттилоъ доданд, ки корхона иқтидори калони коркардро доро буда, дар он сангҳои хоро, мармар, оҳаксанг ва ғайра бо сифати баланд коркард ва аз он маҳсулоти тайёр истеҳсол мешавад. Ашёи хом асосан аз шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла Хорокони шаҳри Хуҷанд, Агаҷоли ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Такелии Ғарбии ноҳияи Мастчоҳ, Тиллогул ва Падораи шаҳри Панҷакент ворид мешаванд. Корхона иқтидор дорад дар як сол то 30-35 ҳазор метри мураббаъ сангро коркард намояд.

Баъд аз ба фаъолият оғоз кардани корхонаи коркарди санги «Корпоратсияи Камоли Хуҷандӣ» дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд 30 нафар бо ҷои кор таъмин карда шуданд.

Сангҳои ороишии дар корхона коркардшуда асосан дар соҳаи сохтмон ва ороиши биноҳои маъмурию баландошёна васеъ истифода бурда мешавад.

Баъд аз шинос шудан ба раванди истеҳсолот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоишгоҳи сангҳои ороишии корхонаҳои истеҳсолии вилояти Суғдро тамошо карданд. Дар намоишгоҳ номгӯи зиёди сангҳои ороишӣ ва дигар масолеҳи сохтмонӣ муаррифӣ карда шуд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд, инчунин, бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ ба фаъолияти бинои нави Маркази таҳсилоти рақамии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд оғоз бахшиданд.**

Маркази мазкур аз ду ошёна иборат буда, масоҳати он 3411 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Дар ошёнаи якуми бинои Маркази таҳсилоти рақамии донишгоҳ чор утоқи таълимӣ, чор ҳуҷраи корӣ барои устодон, кабинетҳои алоҳидаи Маркази таҳқиқоти таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат, маркази таълимии хизматрасонии бонкӣ, синфхонаи «Иқтисодиёт дар замони истиқлолият», маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ, озмоишгоҳи криминалистӣ, маркази шуғли фосилавии парки технологӣ, толори лексионии инноватсионӣ ва студияи сабти барномаҳои телевизионӣ ҷойгир шудааст.

Ҳамчунин, барои донишҷӯён шароити зарурӣ, аз қабили синфхонаҳои омӯзишӣ, мизу курсиҳои замонавӣ, воситаҳои таълимӣ, компютеру проекторҳо ва дигар таҷҳизоти муосир, ки дар омӯзиши васеи омодасозии мутахассисони баландихтисос зарур мебошанд, фароҳам аст.

Дар ошёнаи дуюми бинои мазкур 10 синфхонаи тахассусӣ, маркази тестӣ барои 100 ҷои нишаст ва толори лексионӣ ҷойгир аст.

Бо мақсади таъмини бехатарӣ дар даромадгоҳи маркази нав чор таҷҳизоти симошиносии муосир насб гардидааст, ки даромад ва баромади ҳар донишҷӯ ё устод аз тариқи он сабт мешавад. Ин усул аввалин бор дар маркази мазкур роҳандозӣ гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар бинои Маркази таҳсилоти рақамии донишгоҳ дар умум 140 компютери муосири пайваст ба шабакаи баландсуръати интернет, 20 проектор, 20 тахтаи электронӣ, 7 телевизор, 23 камераи мушоҳидавӣ бо сабти овоз, 5 нуқтаи вайфай (wi-fi), 3 таҷҳизоти махсус ва тахтаи нурӣ бо баландгӯякҳо барои баргузории машғулиятҳои маҷозӣ, аз ҷумла дарсҳои фосилавӣ ва семинарҳо мавриди истифода қарор дорад. Лавозимоти техникии мазкур ба воситаи ду сервери пуриқтидор идора мешаванд.

Баъд аз ифтитоҳи бинои нави маркази номбурда дар саҳни ҳавлии донишгоҳ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматии баландошёна ва лоиҳаи ангоравии ҷойгир намудани бинои таълимӣ, маҷлисгоҳ ва биноҳои ёрирасон дар ҳудуди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Хуҷанд муаррифӣ гардид.

Пас аз шиносоӣ бо лоиҳаи сохтмони бинои истиқоматии баландошёна Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди ин иншоот санги асос гузоштанд. Бо бунёди бинои нави истиқоматӣ 95 омӯзгори ба манзили зист эҳтиёҷманд соҳиби хонаҳои замонавӣ мегарданд.

Зимни муаррифии лоиҳа масъулини донишгоҳ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки дар ошёнаи якуми бинои истиқоматии нуҳқабатаи сохташаванда, маркази савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ ҷойгир карда шуда, дар саҳни бино дар масоҳати 860 метри мураббаъ истгоҳи нақлиёт, 460 метри мураббаъ, ҷои истироҳату суҳбаткадаҳо ба истиқоматкунандагон ва майдончаи хурд барои машғул шудани кӯдакону наврасон ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ дар назар дошта шудааст. Бино дар масоҳати муайяни заминҳои холии дар тавозуни донишгоҳ қарордошта сохта мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини вилояти Суғд, ба пудратчии сохтмон ҷиҳати бо сифати баланд ва дар муҳлати муайян анҷом додани корҳои сохтмонӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**16-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Боғи фарҳангию фароғатии ба номи «30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар ҳудуди Муассисаи давлатии «Қасри Арбоб» дар вазъияти тантанавӣ ба истифода доданд.**

Он ба ифтихори ҷашни 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, таҷассуми марҳилаи созандагию ободкорӣ дар кишвар, туҳфаи арзанда ба ҷашни фархунда мебошад.

Маркази фарҳангию фароғатӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар масоҳати 7 гектар дар асоси лоиҳаи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «САНИИОСП» дар ҳудуди Муассисаи давлатии «Қасри маданияти ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев» бунёд шудааст.

Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд буда, сохтмону ободониро коргарону мутахассисони ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Бунёди Аҷам» ва «Раҳмониён» анҷом додаанд.

Боғи фарҳангию фароғатии тозабунёд якҷоя бо қасри таърихӣ, чойхонаи миллӣ, амфитеатр ва ҳудуди ободу мавзеи назаррабо маҷмааи таърихию муосир, макони тамошо, сайру саёҳати сокинону меҳмонони дохилию хориҷӣ гардидааст.

Дар даромадгоҳи асосӣ дарвоза ҳамчун рамзи ворид шудан ба ин макони таърихӣ бо паҳноии 34 метр ва баландии 20 метр сохта шудааст. Дар бунёди дарвоза санги табиии тиравертини конҳои маҳаллӣ истифода ва ба он шукӯҳу зебоии хоса мебахшад .

Аз дарвоза ба самти иншооти асосии боғ - «Рамзи 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳрави калони ду тарафаш сабзу хуррам бунёд шудааст.

Муҷассамаи «Рамзи 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷассумгари иҷлосияи таърихӣ ҳамчун анҷумани наҷоти миллату давлат, барқарории сулҳу ваҳдат, эҳёи давлатдории навин ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки бо баландии 38,5 метр сохта шудааст. Рамзи кураи замин ва нурпошии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон инъикосгари дар ҷомеаи ҷаҳонӣ соҳиби мақоми хоса гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол аст. Дар тасвири китобҳо саҳифаҳои таърихи навини Тоҷикистон аз соли 1992 то имрӯз, яъне баргузории иҷлосияи таърихӣ, садоқати фарзанди фарзонаи миллат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сарзамини аҷдодӣ ва халқ, роҳи тайкардаи Тоҷикистони навин дар тӯли ин солҳо, пешрафт ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ инъикос ёфтааст.

Дар қисми рости боғ гулгашти назаррабо дар масоҳати 1,7 гектар аз мавзеи зебою дилорои боғи фарҳангию фароғатӣ гардидааст. Беш аз 250 ҳазор бех гули навъи чамангули ҳарранга шукуфтааст. Тибқи нақша, дар гулгашт мавсими оянда садбарг шинонида шуда, майдони гулгашти садбарги ҳарранга мешавад.

Дарахтони сояафкану ороишӣ асоси хуррамию зебоии боғ аст. Беш аз 1000 бех анвои гуногуни дарахтони сӯзанбаргу паҳнбарги сояафкану ороишӣ аз хориҷи кишвар ба обу ҳавои минтақа мутобиқ ворид ва шинонида шудаанд. Боғ дар шомгоҳону шабона низ макони сайругашту истироҳату тамошост.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри маданияти Арбоб нахуст аз Осорхонаи таърихии ин бинои муҳташам, ки соли равон ба истиқболи 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд пурра навсозӣ карда шуд, боздид намуда, бо тамошои аксу ҳуҷҷатҳои таърихӣ аз ҳар рӯзи иҷлосия ва лаҳзаҳои хотирнишини он ёдоварӣ карданд.**



Дар толори «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Тоҷикистон дар масири Истиқлолият»-и Осорхонаи Қасри Арбоб маводи нодир ба намоиш гузошта шудааст. Хусусан, дар толори намоишии «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» воқеаҳои мудҳиши гирдиҳамоиҳои ғайриқонунии тӯлонӣ, лаҳзаи риққатовари гаҳвораи бе тифл, гиряи талхи модар ва кӯдаки маъсуми ӯ аз бадбахтӣ ва фоҷиаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, тарки манзил кардани ҳазорон нафар сокинони мамлакат, вазъи гурезаҳои иҷборӣ ва даҳҳо манзараи ҳузнангези он замон дар аксҳо инъикос ёфтаанд.

Иқтибос аз суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба аҳамияти таърихии иҷлосия, нашрияҳои даврӣ, аксҳои бақайдгирӣ ва баромади вакилони мардумӣ, меҳмонон дар толор, нишоти вакилон дар «Оши оштӣ», баррасии лоиҳаи Парчам ва Нишони давлатӣ, иқтибос аз баҳсу андешаҳо, дастгоҳҳои наворбардориву аксбардорӣ, қолину таҷҳизоти сабти овоз то курсиву минбари баромад ва дигар ашёе, ки он замон истифода шудаанд, чун ёдгории таърихӣ дар ин толор маҳфузанд.

Ҳамчунин аксҳои намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки рафти иҷлосияро ба навор гирифта, суҳбатҳои судманд анҷом медоданд, ба намоиш гузошта шудааст.

Нигораи «Ман ба шумо сулҳ меоварам» ба қалами рассом Абдураҳим Ҷабборов тааллуқ дошта, расми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ба итмом расидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯи мардум бо қосидони сулҳ - кабӯтарон хеле моҳирона кашида шудааст.

Дар доираи навсозии Осорхонаи Қасри маданияти Арбоб ва пешниҳоди маводи маҳфузгардида бо тарҳи муосир, ҳамзамон дар он ҷо гӯшаи таҷлили бошукӯҳи тантанаҳои 10, 15, 20 ва 25-солагии иҷлосия ва толори баргузории Комиссияи машваратӣ оид ба рафти кори иҷлосия ташкил карда шудааст, ки аҳамияти таърихӣ дорад.

Дар толори намоишии «Тоҷикистон дар масири Истиқлолият» бошад, тамоми марҳилаҳои рушду пешрафти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан расидан ба сулҳу ваҳдати комил, соҳиб гаштан ба рамзҳои давлатдорӣ, пешрафт ва ободии пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе, баланд бардоштани обрӯю нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, эътирофи ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъмини зиндагии шоиста барои мардум дар заминаи татбиқи чор ҳадафи стратегии Ҳукумат дар аксу лавҳаҳои алоҳида ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар чорабинии тантанавӣ ва ҷамъомади идона ба ифтихори ҷашни 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар чорабинии бошукӯҳ, ки дар макони баргузории иҷлосияи таърихӣ - Қасри Арбоби ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев доир гардид, собиқ вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати кишвар, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолони вилоят ва дигар меҳмонони ҷашнвора иштирок карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокчиён ва кулли мардуми кишварро бо солгарди иҷлосияи тақдирсозу таърихӣ, ки нуқтаи оғози барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва ноил гардидан ба дастовардҳои имрӯзаи мардум мебошад, табрик гуфтанд.

Ёдовар мешавем, ки аз 16-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992 дар Қасри маданияти ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаеви вилояти Суғд Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, вакилон бо як овоз Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадори оқилу хирадманд ва саодатпешаро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарвари давлати тоҷикон интихоб карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи сарбаланди Тоҷикистонро қаҳрамони сулҳ, созандагӣ, ободӣ ва пешрафти Ватан арзёбӣ карда, чунин таъкид намуданд: «Агар таи сӣ сол хурду бузурги мардуми Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи моро дастгирӣ намекарданд, мо ба сулҳу оромӣ ва пешрафту тараққиёт, яъне ба ин рӯзҳои нек, намерасидем».

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба солҳои нахустини давлатсозию давлатдорӣ, ба кишвари воҳид мубаддал сохтани Тоҷикистон, қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ, ҷорӣ кардани ислоҳоти соҳаҳо, ба роҳ мондани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои олам, муносибати судманд бо ташкилоту созмонҳо ва ниҳодҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, интихоби сиёсати дарҳои кушода дар сиёсати хориҷии Ҳукумат, талошҳову ташаббусҳои созанда ва тадбирҳои беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, андешаронӣ карданд.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон орзу карданд, ки дар Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу осоиш ва ваҳдату ягонагӣ пойдору ҷовидон бошад, ҳар як фарди ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси миллати озоду соҳибихтиёри мо бо заҳмати содиқонаву софдилона аркони давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, бароиояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар намояд.

Баъд аз анҷоми чорабинии тантанавӣ ва барномаи рангини фарҳангӣ намоиши бошукӯҳи мушакпарронии идона ба ифтихори 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

---

**www.president.tj**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМА ОИД БА СОХТМОНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ҚУБОДИЁН

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба парвандаҳои марбут ба будубоши муваққатии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» сухан ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**ШЕРАЛӢ Мирзо:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба парвандаҳои марбут ба будубоши муваққатии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади эътибор пайдо намудани созишнома пешниҳод карда мешавад.

Он дар давраи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 16- уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст. Дар доираи созмон бо мақсади амалигардонии фаъолияти оинномавии он қувваю воситаҳои амнияти дастаҷамъӣ таъсис дода шуда, ба таври мунтазам чорабиниҳои муштараки омодагии ҷангӣ, машқу тамринҳои ҳарбӣ ва дигар чорабиниҳои муштарак дар ҳудуди давлатҳои аъзо бо ҷалби контингентҳои ҳарбӣ доир мешаванд.

Дар ин раванд, ҷиҳати ба танзим даровардани масъалаҳои тобеияти ҳуқуқии ҳайати шахсӣ, муайян кардани тартиби ҳамкорӣ байни мақомоти ваколатдори тарафҳо ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятиву маъмурӣ, инчунин амалигардонии дигар амалҳои мурофиавӣ созишномаи мазкур таҳия ва ба имзо расидааст.

Созишнома бо роҳи ташкили ҳамкории мустақим ва равон намудани дархостҳои асоснок байни мақомоти ваколатдори тарафҳо, ки тибқи қонунгузории миллӣ ба салоҳияти онҳо масъалаҳои дар созишномаи мазкур танзимгардида дохил мебошанд, амалӣ мешавад.

Масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ дар моддаи 5- уми созишнома муайян гардида, ба тобеияти ҳуқуқии тарафи равонкунанда ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳое дохил мебошанд, ки аз ҷониби шахсони ба ҳайати ҷузъу томҳои тарафи равонкунанда шомил буда, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ содир шудаанд, ё ин ки бар зидди манфиатҳои тарафи равонкунанда содир шудаанд.

Инчунин, шаҳрвандони тарафи қабулкунанда дар ҳолати дар ҷои ҳодиса дастгир шудан то иҷро намудани чорабиниҳои бетаъхири тафтишотӣ ба тобеияти ҳуқуқии тарафи равонкунанда дохил мебошанд. Дар дигар ҳолатҳо бошад, нисбат ба ҳайати шахсии тарафи равонкунанда тобеияти тарафи қабулкунанда амал менамояд.

Дар созишнома масъалаҳои равон кардан ва иҷрои дархостҳо, тартиби ба тобеияти яке аз тарафҳо қабул кардани парвандаҳо, супоридани мавод ва далелҳои шайъӣ, дастгир кардан ва ба ҳабс гирифтан, риояи реҷаи махфият ва ҳифзи иттилоот, тартиби пардохт ва дар ҳолати зарурӣ ҷуброни хароҷот, посбонӣ ва интиқоли гумонбарон, айбдорон ва маҳкумшудагон, инчунин амалӣ намудани дигар амалҳои мурофиавӣ ва чорабиниҳои тафтишотӣ дақиқан пешбинӣ карда шудаанд.

Тасдиқи созишномаи зикргардида барои ба танзим даровардани муносибат байни мақомоти ваколатдори тарафҳо зимни амалигардонии чорабиниҳо оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ҳангоми будубоши муваққатии ҷузъу томҳо дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ манфиатнок арзёбӣ мегардад.

Тасдиқи созишномаи мазкур зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории миллӣ ба миён намеорад ва хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш мекунам, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи баррасишаванда 16-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Он аз ҷониби сарони давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ баҳри иҷрои талаботи моддаи 15- уми созишнома дар бораи мақоми ташаккули қувваю воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 10-уми декабри соли 2010 ба имзо расидааст.

Ғайр аз ин, созишномаи мазкур ба мақсад ва принсипҳои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15-уми майи соли 1992, муқаррароти Конвенсия оид ба кумаки ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои шаҳрвандию оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22-юми январи соли 1993 ва Конвенсия оид ба кумаки ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои шаҳрвандию оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7-уми октябри соли 2002, ки тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, асос мешавад.

Созишномаи мазкур аз 22 модда иборат буда, дар он мафҳумҳои шахсони ба ҷузъу томҳо бо ҳамин мақсадҳо сафарбаргашта, маҳалҳои ҷойгиршавӣ, уҳдадориҳои хизматӣ, мақомоти ваколатдор, амалҳои таъхирнопазири тафтишотӣ истифода карда, ҳамкориро дар ин самтҳо тақвият мебахшад. Ғайр аз ин, тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқиро бо парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ нисбат ба ҳайати шахсии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии муваққатан ҷойгиргардидаро, ки чунин кирдорҳоро содир менамояд, ба танзим медарорад.

Созишномаи мазкур танҳо бо ҳамин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо равона шуда, ҳолатҳои муносибатҳои гражданӣ ва оилавиро ба танзим надароварда, тартиби ошкору тафтиш ва ба якдигар додани мавод, парвандаҳо, шахсони онҳоро содиркарда, далелҳои шайъӣ ва ҳолатҳои пешбурди корҳои фаврӣ - ҷустуҷӯиро муайян мекунад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти марбутаи ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои созмонро баланд мебардорад.

Тасдиқи созишномаи зикргардида вобаста ба узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ сурат гирифта, зарурияти ворид намудани тағйиротро ба қонунгузории ҷумҳурӣ ба миён намеорад.

Созишномаи мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 7, 8, 9 ва 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» созишнома баъд аз тасдиқ дар Маҷлиси намояндагон қувваи қонуниро доро мегардад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи баррасишавандаро тасдиқ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба парвандаҳои марбут ба будубоши муваққатии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

***(Идома дорад)***

---

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

ОБУНА - 2023

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.**

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **180 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412545 | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷорӣ ва ивази системаи гармидиҳии бинои мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.11.2022 11:45:00 |
| 2 | 412549 | Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Таъмири капиталӣ ва азнавсозии бинои Филиали №60-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бартарафкунии гараж ва насбкунии дарвозаи оҳанин дар филиали №61-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фархор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.11.2022 14:10:00 |
| 3 | 412550 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти сӯхторхомӯшкунӣ, асбобҳои ошхона, ашёи рӯзгор, асбобҳои рӯшноӣ ва батарея | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 27.11.2022 10:50:00 |
| 4 | 412528 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | Мол ва реагенти лабораторӣ, масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 06.12.2022 15:15:00 |
| 5 | 412529 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ба номи А. С. Пушкини шаҳри Исфара | Мумфарш кардани саҳни бинои муассиса (мумфаршкунӣ бо ғафсии 4 см дар ҳаҷми 1876 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.12.2022 15:30:00 |
| 6 | 412530 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, электрикӣ, сантехникӣ, картриҷ, телефони бесим, насоси обкашӣ, фреон, молҳои масрафӣ барои таҷҳизоти офисӣ ва мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 06.12.2022 16:05:00 |
| 7 | 412531 | Шуъбаи сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Боқӣ Раҳимзодаи ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.12.2022 16:16:35 |
| 8 | 412532 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбаркароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: азнавбарқароркунии деворҳои қалъа ва сохтмони ҳавлиҳои маҳаллаи қадимаи шаҳри Хуҷанд) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.12.2022 17:00:00 |
| 9 | 412533 | Муассисаи давлатии таълимӣ томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №36» | Хӯроквορӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 06.12.2022 17:00:00 |
| 10 | 412534 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 06.12.2022 17:35:00 |
| 11 | 412536 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Доруворӣ ва маводи бандубаст | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 115 | 06.12.2022 18:05:00 |
| 12 | 412535 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Чароғҳои LED ва таҷҳизоти барқӣ барои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 06.12.2022 18:25:00 |
| 13 | 412537 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ» | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 07.12.2022 08:30:00 |
| 14 | 412538 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, картриҷ ва чорчӯба | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 07.12.2022 09:30:00 |
| 15 | 412539 | Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, мебел ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 07.12.2022 09:45:00 |
| 16 | 412541 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И. Ҳасанов» | Молҳои хоҷагидорӣ, оташхомӯшкунак, тахтаи синфӣ ва қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 07.12.2022 10:20:17 |
| 17 | 412540 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Сохтмони бунгоҳи тиббии муҳофизати саломатӣ ва ёрии аввалияи тиббӣ, воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Иван - Тоҷики ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.12.2022 10:20:20 |
| 18 | 412543 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 07.12.2022 10:41:59 |
| 19 | 412546 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Таъмири бинои раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.12.2022 14:30:30 |
| 20 | 412548 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасониҳои нақлиётӣ барои 175 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд - Душанбе -Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 07.12.2022 14:30:30 |
| 21 | 412551 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Таъмири ҷории бинои №12-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.12.2022 14:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6-уми декабри соли 2022 музоядаҳои № 34 ва № 35-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**Музоядаи № 34**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти қаннодӣ | 197 қуттӣ, 422,5 кг | 10140 сомонӣ |
| 2 | Маҳсулоти сақич | 50 қуттӣ, 400 кг | 5000 сомонӣ |

**Музоядаи № 35**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Оби нӯшокии газноки навъи «Горилла» | 480 адад | 4320 сомонӣ |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

IFRC — UNDRR UN Office for Disaster Risk Reduction

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар маблағгузорӣ шудааст, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

Аз рӯи Лоиҳаи «Омодагӣ ба воридшавии эҳтимолии гурезагон (Emergency Appeal: MDR65006, Population Movement)» бо маблағгузории Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар;

**Лоти 1:** Таъмини таҷҳизот барои рушди инфрасохтори ҶҲАТ ва ташкил намудани маркази идоракунию иттилоотии изтирорӣ дар сатҳи минтақавӣ;

**Лоти 2:** Таъмини қуттиҳои ёрии аввал барои дастаи гурӯҳи миллӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ва бахшҳо;

**Лоти 3:** Таъмини таҷҳизот барои толори Анри Дюни ДИ КМ ҶҲАТ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 24-уми ноябри соли 2022, соати 09:00 бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А01330346-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Ваҳдат 11-уми майи соли 2018 ба Холиқзода Аслами Акрамҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши ҳавлии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, шаҳраки Калинин, кӯчаи Дунаевский (ҳоло Спитамен) 4 ба Рашидова Савринисо додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, шаҳраки Калинин, кӯчаи Дунаевский (ҳоло Спитамен) 4 ба Рашидова Савринисо додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи иттифоқи касабаи Ҷамоати шаҳраки Такоби ноҳияи Варзоб эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0255375-и гумшуда ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 14-уми январи соли 2017 ба Саибов Муҳаммад Убайдуллоевич (РЯМ 0130140808, РМА 015696801) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши қисми бино таҳти феҳрасти 36-63-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 24-уми октябри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ - 197 ба Юлдошева Мунира додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0521948-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Шаҳринав 27-уми октябри соли 2015 таҳти қайди 13126 ба аъзои хоҷагии деҳқонии «Марзия» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён таҳти қайди 294 санаи 30-юми ноябри соли 2013 бо суроғаи Ҷамоати шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, ҳавлии №28 ба Абдуллаева Зуҳро додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии тамғаи «Миника 1102»-и марбут ба соҳибкори инфиродӣ Батиров Исмайелжон (РМА 125364564, РЯМ 1230210915), бинобар сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ №1830016522-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2010 ба Шарифов Маҳмадзабир додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №4М70-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 27-уми апрели соли 2011 бо суроғаи гузаргоҳи якуми кӯчаи Ҳ. Аҳрорӣ, хонаи 72 ба Худойбердиев Исмоилҷон Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Парвандаи заминсозӣ ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии қитъаи замин барои ташкили хоҷагии ёрирасони кишоварзии №0334306-и гумшуда, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 16-уми июли соли 2021 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоргултеппа ба Сунатуллоои Савзаалӣ (РМА 037071062) додааст, эътибор надоранд.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Норак 28-уми январи соли 2010 ба Шарипов Маҳмадзариф Ибрагимович (РМА 4130003488) додааст, эътибор надорад.

✓ Оиннома, муҳр ва штампи гумшудаи ташкилоти ҷамъиятии «Шаҳиди Бобохон»-и ноҳияи Балҷувон эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Сино - 2 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 33/3, квартираи 15 ба Муродова Мавлюда Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлии истиқоматии гумшудаи таҳти рақами инвентарии 1156, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҳти қайди 3006 бо суроғаи шаҳраки Москва, кӯчаи М. Баҳодуров, ҳавлии 33 ба Ҳайдарова Давлатбӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ХТ №0199119-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон 3-юми марти соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳраки Москва, кӯчаи М. Баҳодуров, ҳавлии 33 ба Аҳроров Одинахон додааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи №0329903-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи ронандагии «Троллейбус»-и шаҳри Душанбе соли 2021 ба Тоштемирова Гулсуной Комилҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии силсилаи DZ №1173592-и гумшудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Покистон Аҳмад Шакел (санаи таваллудаш - 28-уми июни соли 1997) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди №35220-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сана, бинои 1, квартираи 179 ба Садрединов Асомудин Хайриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии 3-юми шаҳри Душанбе 11-уми сентябри соли 1995 таҳти феҳрасти 8Д1-1558 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сана, бинои 1, квартираи 179 ба Садрединов Асомудин Хайриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №261164-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Айнӣ 15-уми июни соли 1996 ба Нигматуллоев Шуҳратулло Ҳикматович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи васиятномаи силсилаи ДШ № 0380869-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми июли соли 2013 таҳти феҳристи 2М-115 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо (собиқ Куйбышев), бинои 4/1, квартираи №30 ба Раҷабов Эдуард Латифович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии силсилаи АД № 1136-и гумшуда, ки онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба Қодиров Бахтовар Баракатуллоевич додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази дастгирии Роғун» (РМА 060002311), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВА №0011187 бо рақами қайди ИҶ 902«А» буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми майи соли 2008 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Абад», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0001768 ва Иқтибос аз феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ (РЯМ 040000030, РМА 040028073) буда, дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7-уми июли соли 2009 ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нигинаи Рауф», ки дорои Шаҳодатномаи силсилаи И14№012275 (РМА 140006883, РЯМ 1410004072) ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Шаҳиди Бобохон»-и ноҳияи Балҷувон фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Ташкилоти ҷамъиятии «Се ахтарон», воқеъ дар ноҳияи Варзоб, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилоти ҷамъиятии силсилаи ВАТҶ №0001530 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди ИҶ 1791 (А) 31-уми январи соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 18 ноябри соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха*

Навбатдори шумора Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров